Ба Шӯрои диссертатсионии 6Д.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қурбонова Афзуна Азимбоевна дар мавзӯи “Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

Тахрибкорӣ яке аз ҷиноятҳое мебошад, ки таърихи куҳан дошта, таъмини амнияти давлатӣ, бахусус амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии давлатро халалдор намуда, аз ҷониби ташкилотҳои террористиву экстремистии давлатҳои хориҷӣ мавриди истифода қарор дода мешавад. Созмонҳои тундраву ифротгаро, ки фаъолияташон дар ҳудуди Тоҷикистон манъ аст, фаъолияти даҳшатбору тахрибкоронаи худро торафт тавсеа бахшида истода, амнияти миллии Тоҷикистонро дар самти амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавӣ мехоҳанд заифу ноустувор намоянд.

Мубрамияти мавзӯи мазкурро муаллиф дуруст асоснок намудааст, зеро солҳои охир динамикаи тахрибкорӣ рӯ ба афзоиш дорад ва дар баъзе ҳолатҳо он ҳамчун терроризм бандубаст карда мешавад, ки аз нигоҳи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ баҳснок мебошад. Дар асоси маълумоти Вазорати корҳои дохилии ҶТ (минбаъд ВКД ҶТ), дар соли 2010 – 1 ҳолат, соли 2011 – 6 ҳолат, 2012 – 2 ҳолат, 2013-2015 – 1 ҳолат, 2016 – 4 ҳолат, 2017- 6 ҳолат, 2018 – 1 ҳолати содиршавии ҷинояти тахрибкорӣ ба қайд гирифта шудааст. Албатта маълумоти болозикр асоси воқеии содир шудани ҷинояти тахрибкориро нишон намедиҳад, ва дар амалия ин ҳолат бо ду омил вобаста аст: 1) ҳамчун терроризм ва 2) ҳамчун маҷмӯи идеалӣ бо терроризм бандубаст шудани тахрибкорӣ. Сабаби чунин бандубаст дар монандии ин таркибҳо ва рақобати меъёрҳо байни моддаҳои 179 ва 309 КҶ ҶТ мебошад.

Дар ҷараёни таҳқиқ муаллифи диссертатсия Қурбонова А.А. ба таври кофӣ санадҳои байналмилалӣ, қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ ва Тоҷикистон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ, хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфноки ин ҷиноятҳо дар замони муосир, таҳлили таркиби ҷинояти баррасишавандаро таҳлил намудааст. Ҳамчунин, аз ҷониби диссертант коркарди амалӣ ва назариявии тавсияҳо баҳри такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти

татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ пешниҳод гардидааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар асоси таҳлили қонунгузории ҷиноятии қаблӣ ва амалкунандаи ҶТ, амалияи истифодаи он, нуқтаҳои назари олимон (доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ) ва инчунин нуқтаи назари шахсии муаллиф, модели нави меъёре, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои тахрибкорӣ пешбинӣ менамояд, пешниҳод гардидаанд. Дар диссертатсия инчунин зарурати такмил додани м. 309 КҶ ҶТ, сохтори нави он пешниҳод гардида, тамоюлҳои танзими меъёрии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар қонунҳои ҷиноятии Тоҷикистон дар марҳалаҳои гуногуни рушди таърихӣ таҳлил карда шуда, тадбирҳои зарурӣ барои мукаммалгардии сохтори таркибии ҷинояти мазкур андешида шудаанд.

Чунин пешниҳодҳои муаллиф хусусияти навгониро дошта, барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ аҳамияти муҳим доранд:

1) Дар асоси таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ имконият дод, ки ба таври мушахас қонунияти пайдоиши манъи ҳуқуқӣ–ҷинояти тахрибкорӣ, ҳастӣ ва татбиқи он, ояндаи инкишоф ва мукаммалгардии таркиби он муайян карда шавад. Чунин ҷиҳатҳои мусбии (навгонии) конунгузории ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ метавонанд дар самти мукаммалгардии КҶ ҶТ вобаста ба ҷинояти тахрикборӣ аҳамияти махсус дошта бошанд: а) криминализатсия намудани мусоидат ба фаъолияти тахрибкорона, гирифтани таълимот барои анҷом додани амалиёти тахрибкорона ва ташкили гуруҳи (иттиҳоди) тахрибкорона ё иштирок дар он; тахрибкорие, ки бо қатли оммавии одамон, зарар ба саломатии онҳо, инчунин заҳролудшавии оммавӣ, паҳн намудани эпидемия ва эпизоотия алоқаманд аст; б) муқаррар намудани аломатҳои бандубастшаванда, ба монандӣ: - содир намудани тахрибкорӣ аз ҷониби гурӯҳи муташаккил; 2) тахрибкорие, ки сабаби бавуҷуд омадани зарари калони молумулкӣ ё дигар оқибатҳои вазнин мегардад; 3) тахрибкорие, ки боиси марги инсон гаштааст.

2) Дар қ. 2 м. 309 КҶ ҶТ илова намудани аломати бандубастшавандаи зерин: а) якчандкарата; б) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ; в) бо истифодаи мақоми хидматӣ; г) дар ҳолати ретсидиви хавфнок;

3) Дар қ. 3 м. 309 КҶ ҶТ илова намудани аломати бандубастшавандаи зерин: а) аз ҷониби гуруҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ; б) дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок; дар вазъияти ҷангӣ ё замони ҷанг;

4) Асоснок карда шудааст дар қ. 1 м. 309 ибораи «равона шудааст» ба «бевосита равона шудааст» иваз карда шавад;

5) Пешниҳод карда шудааст, ки ба диспозитсияи м. 309 КҶ ҶТ шакли нави содир кардани ин ҷиноят, яъне содир кардани тахрибкорӣ тавассути “ҳамлаҳои киберӣ" илова карда шавад. Дар доираи ҳамлаи киберӣ бояд ҳамчун таҷовуз ба шабакаҳои компютерӣ тавассути воруди беиҷозати онҳо, сирояти оммавӣ бо нармафзори зараровар, забти иттилооти махфӣ ва ғайра фаҳмида шавад, ки мақсади заиф кардани амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошанд;

Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия тавассути истифодаи усулҳои умуми илмӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, омӯзиши адабиёти умумӣ ва махсус оид ба мавзуи таҳқиқот ва рисолаҳои баъзе олимон, ки нуктаҳои назари илмии муосирро дар бораи институти шартан татбиқ накардани ҷазо инъикос менамояд, ба даст оварда шудааст. Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо ва тавсияҳои амалии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешбинигардида дар асоси манбаи қонунгузорӣ ва амалияи судӣ анҷом дода шудааст.

Бо дарназардошти андешаҳои боло баъзе эродҳо ва тавсияҳо ба мазмун ва шакли диссертатсия пешниҳод мешаванд:

1) Муаллиф пешниҳод намудааст, ки ташкили гурӯҳи (иттиҳоди) тахрибкорона ё иштирок дар он криминализатсия карда шавад. Оё дар таҷрибаи ҶТ чунин намуди содир намудани тахрибкорӣ ҷой доранд? Хуб мешуд асос барои криминализатсия намудани кирдори мазкур аз тарафи муаллиф шарҳ дода мешуд;

2) Муаллиф дар сатҳи диссертатсия категорияи “якчандкарата”-ро истифода намудааст, ки дар қонуни ҷиноятӣ он ҳамчун “такрорӣ” истифода гардидааст. Оё ин ду категория дорои як маъно ҳасатанд? Хуб мешуд муаллиф ба ин масъала диққат медод.

Бояд гуфт, ки камбудиҳои зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсионии тақризшавандаро паст намекунанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд.

Аз омӯзиши матни пурраи диссертатсия ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Қурбонова Афзуна Азимбоевна пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, бахусус, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Ҳамин тавр, дар асоси гуфтаҳои боло, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки диссертатсияи Қурбонова Афзуна Азимбоевна дар мавзӯи “Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии

Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба талаботҳои мавҷуда ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

Муаллими калони кафедраи
ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва
зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Оралбаев Х.Х.

Имзои Оралбаев Х.Х.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

«12» 02 с.2024

**Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Нахимов 64/14 Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Телефон: +992(37) 231-02-01. E-mail: tgfeu@tgfeu.tj